Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

7 августи соли 2021. Шанбе

№ 61 (14762)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Ҳамаи мо дарк менамоем, ки ҷавонон, ки аксарияти аҳолии минтақаро ташкил менамоянд,дар пешрафти мамлакатҳоямон чӣ андоза нақши муҳим доранд. Имрӯз, вақте ки дар тамоми ҷаҳон мубориза барои ақлу қалби насли ҷавон, ки аз онҳо ояндаи Осиёи Марказӣ вобаста мебошад, идома дорад, мо ҷавононамонро бояд дар рӯҳи ватанпарварӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ тарбия намоем.*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ**

# КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ РУШДИ ПОЙДОР ВА БЕҲБУДИИ МИНТАҚА ЯКДИЛОНА КӮШИШ МЕКУНАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов 5-6 августи соли ҷорӣ аз шаҳри Туркманбошӣ боздид ба амал овард.**




6 август дар минтақаи миллии сайёҳии «Аваза»-и наздикии шаҳри Туркманбошӣ Мулоқоти машваратии сеюми роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш таҳти раёсати Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин Вакили махсуси Котиби генералии СММ оид ба Осиёи Марказӣ, сарпарасти Маркази минтақавии дипломатияи превентив барои Осиёи Марказӣ Наталя Герман ширкат намуданд.

Осиёи Марказӣ минтақаи молики аҳамияти калони геостратегӣ ва геоиқтисодӣ мебошад. Дар ин ҷо беш аз 74 миллион нафар аҳолӣ иқомат мекунад. Таърих ва маданияти халқҳо, иқтисодиёт ва инфрасохтори мамлакатҳои минтақа боҳам алоқамандии зич доранд.

Зери роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев Ўзбекистон сиёсати фаъолона ва прагматикро ба амал татбиқ менамояд, ки ба принсипҳои дӯстӣ, некҳамсоягӣ асос меёбад. Аз он ҷумла, дар солҳои охир ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёту логистикӣ, маданиву гуманитарӣ бо суръатҳои баланд инкишоф меёбанд. Бо ташаббуси роҳбари давлат дар муддати таърихан кӯтоҳ дар Осиёи Марказӣ муҳити сиёсии комилан нав ташаккул ёфтааст.

Тавре ки роҳбари Ўзбекистон чандин бор таъкид намудааст, дар назди мамлакатҳои минтақа мақсади асосӣ – бо кӯшиши умумӣ Осиёи Марказиро ба минтақаи суботнок, аз лиҳози иқтисодӣ мутараққӣ ва шукуфон табдил додан қарор дорад. Барои даст ёфтан ба ин мақсад ва ҳамчунин комилан ба амал татбиқ намудани зарфияти минтақа, мустаҳкамсозии муносибати боэътимоди тарафайн, некҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ Президент Шавкат Мирзиёев соли 2017 ташаббуси ташкили Мулоқоти машваратии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказиро пеш гузошта буд.

Ин ташаббус, ки ҷавобгӯи аниқи манфиатҳои халқҳои бародари мамлакатҳоямон мебошад, аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ ёфт ва зуд ба воқеият табдил гардид. Ҳамоиши якуми роҳбарон моҳи марти соли 2018 дар пойтахти Қазоқистон – Нурсултон, дуюмаш моҳи ноябри соли 2019 дар шаҳри Тошканд ба вуқӯъ пайваст.

Ҳамоиши навбатӣ дар «Аваза» инчунин пурмуҳтаво ва пурмазмун гузашт.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар нутқи худ таъкид кард, ки ба туфайли иродаи сиёсии ягона ва кӯшиши муштарак имрӯз минтақаамон ба фазои некҳамсоягӣ, ҳамкории муфиди ҷонибҳо ва рушди суботнок табдил меёбад.

– Дар ба вуҷуд омадани муҳити нави сиёсӣ дар ин ҷо нақши Мулоқоти машваратии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ беназир аст. Мулоқотҳои мунтазами мо дар дараҷаи баланд имкон медиҳад, ки зарфияти нодири минтақа комилан ба амал татбиқ гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлатамон доир ба масъалаҳои муҳим нуқтаи назари худро иброз кард ва чандин пешниҳодро изҳор намуд.

Таъкид шуд, ки воқеияти имрӯз қадамҳои қатъиро барои ташаккули модели нави ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ тақозо менамояд. Муҳим аст, ки нуқтаҳои нави пешрафт, драйверҳои нави тараққиёт барои ояндаи дарозмуддат муайян карда шавад.

Ногузирии афзудани савдои дохилии минтақа таъмин гардида, бо мақсади ба режими пурраи савдои озод гузаштан мамониатҳои мавҷуда бартараф карда шаванд. Аз ҳисоби инкишофи кооператсияи саноатӣ, инноватсия ва технологияи рақамӣ занҷири тӯлонии арзиши иловагиро ба вуҷуд овардан имкон дорад.

Таъкид шуд, ки барои ин робитаҳои бевоситаи тиҷоратиро байни соҳибкорон ва минтақаҳои мамлакатҳоямон рағбатнок гардонда, зуд-зуд анҷуманҳои сармоягузорӣ ва иқтисодӣ баргузор карда шавад.

Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки барои қабули Муоҳида дар бораи самтҳои умумии ҳамкории минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ фурсат фаро расидааст.

Босамар ба кор андохтани потенсиали нақлиёту транзити минтақа ба манфиатҳои умумии стратегии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мувофиқ меояд. Низоми вусъатёфта ва ҳамгароии нақлиёт дар қитъаи Евроосиё метавонад хаби транзитии ҳалқавӣ гардад.

Бинобар ин роҳбари давлат барои ҳарчи пурратар ба кор андохтани даҳлезҳои дарамали нақлиётӣ ва инфрасохтор, аз он ҷумла бандарҳои баҳри Каспий, марказҳои бузурги логистикии фаромарзӣ баромад намуд. Ғайр аз ин дар оянда Ўзбекистон барои аз имконоти даҳлези фарогири Афғонистон «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар», роҳҳои автомобилгард ва оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» истифода намудан умедвор аст.

Инчунин аҳамияти барқарорсозии алоқаҳои пурраи нақлиётӣ бо риояи талаботи санитарӣ таъкид ёфт.

Масъалаҳои бехатарии энергетикии минтақа бо назардошти инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва аҳолӣ аҳамияти боз ҳам муҳим касб менамояд. Бинобар ин кӯшиш дар бобати ташаккули фазои умумии ягонаи энергетикӣ бояд идома дода шавад ва ҳамзамон ба татбиқи таъҷилии энергетикаи «сабз» ва технологияи сарфакунандаи энергия эътибори алоҳида нигаронда шавад.

Президенти Ўзбекистон фаъолсозии фаъолияти Шӯрои танзимгари электроэнергетикаи мамлакатҳои Осиёи Марказиро пешниҳод намуд ва ҳамзамон бо васеъ намудани мандат ва ваколати он ва ҳамчунин дараҷаи намояндагии мамлакатҳо ибрози назар намуд.

Эътибори иштирокдорони мулоқот дар шароити пандемия ба тезутунд гардидани масъалаи таъмини аҳолӣ бо амволи озуқаворӣ нигаронда шуд. Дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон афзоиши нарх ва норасоии озуқаворӣи асосӣ ба назар мерасад.

Роҳбари давлат ташаббусро дар бораи баргузор намудани мулоқотҳои мунтазами вазирони хоҷагии қишлоқи мамлакатҳои минтақа пешниҳод кард, ки ба рӯзномаи маҷлиси якум масъалаи татбиқи низоми минтақавии мониторинги бехатарии озуқаворӣ дохил карда шавад.

Ин имкон медиҳад, ки самтҳои дақиқ ва барномаҳои муштарак оид ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва назорати сифати онҳо, инчунин ба бозори ҷаҳон расондани онҳо муайян карда шавад.

Инчунин ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии зич ва кӯмаки ҳамдигар дар мубориза бо пандемия дахолат карда шуд.

Бо ин мақсад Шавкат Мирзиёев пешниҳод намуд, ки низоми ягонаи иттилоотӣ дар бобати шинохтани санҷиш ва сертификатҳои ваксинатсия, васеъ намудани табодули таҷриба дар соҳаи профилактика, ташхис ва муолиҷаи бемориҳои сирояткунанда, тарбияи ходимони тиббӣ, роҳандозии ҳамкории илмӣ дар соҳаи фармакология ва кооператсия доир ба истеҳсоли доруворӣ аз лиҳози барои ҳаёт муҳим роҳандозӣ гардад.

Роҳбари мамлакат таъкид кард, ки масъалаҳои экологии минтақа ҳамеша дар маркази эътибор бояд қарор дошта бошад. Домани ҳамкориҳо бояд васеъ карда, тамоми чораҳо доир ба нармсозии оқибатҳои фоҷиаи баҳри Арал андешида шавад.

Ба ин маъно Президенти Ўзбекистон таҳияи барномаи минтақавии «Рӯзномаи сабз»-ро барои Осиёи Марказӣ» пешниҳод намуд, ки он ба мутобиқшавии мамлакатҳоямон ба тағйироти иқлим ва ҳамчунин татбиқи ҳарчи бештари технологияи сарфакунандаи захира мусоидат менамояд.

Роҳбари Ўзбекистон аҳамияти муҳими мустаҳкамсозии алоқаҳои минтақаамонро бо дигар минтақаҳои бузурги ҷаҳон таъкид кард. Президент аз роҳбарони давлатҳо барои дастгирӣ ва иштироки фаъоли ҳайатҳои мамлакатҳояшон дар кори Анҷумани байналхалқӣ оид ба вобастагии ҳамдигарии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки ба қарибӣ дар Тошканд баргузор гардид, изҳори миннатдорӣ намуд.

Изҳори боварӣ гардид, ки бо кӯшиши умумӣ резолютсияи махсуси Ассамблеяи генералии СММ оид ба ин масъала қабул гардида, инчунин иштироки фаъоли Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентив барои Осиёи Марказӣ изҳор гардид.

– Ҳамаи мо дарк менамоем, ки ҷавонон дар инкишофи мамлакатҳоямон чӣ андоза нақши муҳим доранд, ки аксарияти аҳолии минтақаро ташкил менамоянд. Имрӯз, вақте ки дар тамоми ҷаҳон мубориза барои ақлу қалби насли ҷавон идома дорад, мо ҷавононамонро бояд тарбия намоем, ки аз онҳо ояндаи Осиёи Марказӣ вобаста мебошад, ки онҳо дар рӯҳи ватанпарварӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ парвариш ёбанд, – изҳор намуд Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат пешниҳод кард, ки соли оянда дар Ўзбекистон Анҷумани ҷавонони Осиёи Марказӣ баргузор гардад, ки он дар ташаккули пойгоҳ барои мустаҳкамсозии боварӣ ва дӯстӣ, гуфтугӯи фаъоли намояндагони ҳукуматҳо ва ҷавонони мамлакатҳоямон қадами муҳим мегардад.

Омили муҳими мустаҳкамсозии муносиботи бародарии халқҳоямон инкишофи фазои умумии маданиву тамаддунӣ дар оянда ба шумор меравад.

Президенти Ўзбекистон аҳамияти ташкили мунтазами ҷашнвора, рӯзҳои маданият ва кино, нашри муштараки китобҳоро бахшида ба мероси мадании Осиёи Марказӣ таъкид кард.

Боз як омили таъсирбахше, ки ба наздиксозии халқҳоямон мусоидат менамояд, соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Муҳим аст, ки рағбатноксозии иловагӣ барои афзудани табодули сайёҳии дохилиминтақавӣ фаъолона корбурд гардад.

Роҳбари давлат оғоз намудани татбиқи амалии барномаи муштараки «Як саёҳат – тамоми минтақа»-ро бо фарогирии тамоми рангорангии маҳсулоти сайёҳӣ пешниҳод намуд.






(Давомаш дар саҳ.2)⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ РУШДИ ПОЙДОР ВА БЕҲБУДИИ МИНТАҚА ЯКДИЛОНА КӮШИШ МЕКУНАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Анҷумани имрӯза боз барои он молики аҳамияти махсус мебошад, ки он дар арафаи рӯйдоди муҳим – 30-солагии истиқлолияти давлатҳоямон баргузор мегардад. Ин замон солҳои бароямон мураккаб буд. Хулосаи асосӣ – фақат якҷоя, шарикона, бо дастгирии ҳамдигар мо метавонем масъалаҳои дар наздамон қарордоштаро ҳал намоем, рушди суботноки минтақа ва боло бурдани некӯаҳволии мардумро таъмин намоем. Дигар роҳ нест! – таъкид кард Президент Шавкат Мирзиёев.

Аҳамияти рӯҳияи суботнок ва бебозгашт бахшидан ба ҷараёнҳои ҳамкории минтақавӣ, ҳарчи бештар истифода намудани зарфияти «дипломатияи халқӣ», парлумонҳо, институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва фазои расонавӣ барои ин мақсадҳо таъкид гардид.

– Инкишофи минбаъдаи гуфтугӯи занони мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, васеъ гардидани робитаҳоро дар заминаи даст ёфтан ба мақсадҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи баробарии ҷинсӣ истиқбол менамоем, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.Бо назарошти мақоми афзояндаи парламентаризм Президенти мамлакатамон дар Тошканд баргузор намудани Анҷумани минтақавии парлумониро таклиф намуд.

Дар поёни нутқи худ роҳбари давлат изҳори боварӣ намуд, ки натиҷаҳои Мулоқоти машваратӣ дар кори мустаҳкамсозии минбаъдаи бисёрҷанбаи шарикии халқҳои бародари Осиёи Марказӣ саҳми муносиб мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов вохӯрд.

Роҳбари давлати мо сатҳи баланди ташкили Мулоқоти навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро, ки дар минтақаи миллии сайёҳии «Аваза»-и Туркманистон ҷараён дорад, таъкид кард, ки он бешубҳа марҳилаи муҳими таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ мегардад.

Президентҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон масъалаҳои муҳими рӯзномаи дуҷониба, ҳамкорӣ дар майдонҳои минтақавӣ ва байналмилалиро баррасӣ намуданд.

Сарони давлатҳо бо қаноатмандӣ қайд карданд, ки сарфи назар аз давраи душвори пандемия, муносибатҳои дӯстӣ, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегии Ӯзбекистону Туркманистон рушди босуръатро нишон медиҳанд.

Ба масъалаҳои вусъат додани алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ диққати махсус дода шуданд.

Дар мулоқот рафти иҷрои созишномаҳои қаблан ҳосилшуда баррасӣ шуд. Муҳимияти пешбурди лоиҳаҳои нав, густариши робитаҳо байни минтақаҳои ҳамсоя ва доираҳои тиҷоратии ду кишвар барои идома додани динамикаи мусбати ҳамкорӣ таъкид шуд.

Дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, ворид шудан ба бозорҳои нав тавассути долонҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Қафқози Ҷанубӣ, аз ҷумла таъсиси долони байналмилалии нақлиётӣ ва транзитӣ тибқи созишномаи Ашқободро баррасӣ гардиданд.

Зимни суҳбат масъалаҳои омодагӣ ба мулоқотҳои дарпешистода баррасӣ шуданд. Дар бораи дарояндаи наздик гузаронидани ҷаласаҳои навбатии Комиссияҳои байниҳукуматӣ ва Шӯрои корӣ барои муайян кардани «нуқтаҳои афзоиш»-и нав, омода кардани лоиҳаҳо ва созишномаҳои пешомаднок созиш ҳосил шуд.

Роҳбарон ба масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва башардӯстона таваҷҷӯҳ зоҳир карданд.

Дар поёни мулоқот сарони Ӯзбекистон ва Туркманистон омодагии худро оид ба пайваста амиқсозии шарикии стратегӣ дар асоси тамоюлҳои эътимоди мутақобила ва эҳтиром ба манфиати халқҳои ду кишвар тасдиқ карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров музокирот анҷом дод.

Сарвари давлати мо Садир Ҷапаровро бо аввалин иштирокаш дар Мулоқоти машваратӣ самимона табрик гуфт ва қайд кард, ки ин платформаи бисёрҷониба ба қабули қарорҳои муштарак ба манфиати тамоми минтақа имкон фароҳам меорад. Дар вохӯрӣ рафти иҷрои созишномаҳое, ки дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Қирғизистон ба Ӯзбекистон 11-12 марти соли ҷорӣ ба даст омадаанд, инчунин масъалаҳои мубрами амнияти минтақа муфассал баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки аз аввали сол ҳаҷми муомилоти мол байни кишварҳои мо қариб 10 фоиз афзуда, аз 425 миллион доллар гузашт. Татбиқи амалии лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, нассоҷӣ, мошинсозӣ ва дигар соҳаҳо оғоз шудааст. Мубодилаи фаъолонаи фарҳангию башардӯстона ва робитаҳои байниминтақавӣ идома дорад.

Масъалаҳои ҳамкорӣ дар бахши энергетика, аз ҷумла сохтмони муштараки НБО-и «Қамбарота-1» баррасӣ шуданд.

Сарвари давлатамон аҳамияти муҳими стратегӣ доштани лоиҳаи роҳи оҳани «Ӯзбекистон — Қирғизистон — Чин», муҳим будани тезондани музокирот оид ба сохтмони онро қайд кард.

Президенти Қирғизистон аз талошҳои амалии Ӯзбекистон оид ба таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар минтақа пуштибонӣ кард. Вай таъкид намуд, ки ташаббуси сарвари Ӯзбекистон, ки ба руши пайвастагии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ нигаронда шудааст, ба манфиатҳои халқҳои бародари минтақаамон ҷавобгӯ аст.

Созишнома дар бораи идомаи робитаҳои мунтазам дар сатҳи олӣ ва баланд барои рушди пайвастаи ҳамкориҳо дар ҳама соҳаҳо ба даст омад.

Ҳамчунин табодули афкор оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ сурат гирифт.

Дар доираи Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркманбошӣ намоишгоҳи амволи саноатии миллии мамлакатҳои минтақа ташкил карда шуд.

Дар майдони «Made in Uzbekistan» имконоти саноати озуқаворӣ, бофандагӣ, чарму пойафзор, электротехникӣ, кимёӣ, дорусозӣ ва заргарӣ, саноати масолеҳи сохтмон ва автомобилсозии Ӯзбекистон намоиш дода шудааст.

Дар намоишгоҳ инчунин маҳсулоти Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон низ гузошта шудааст. Майдони умумии он беш аз 8 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Президентҳо ба сифати маҳсулоти гузошташуда таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд, ба роҳбарони масъул доир ба васеъ намудани табодули амволи байниҳамдигар ва кооператсияи саноат супоришҳо доданд.

Дар минтақаи миллии сайёҳии «Аваза» ҷашнвораи таомҳои миллии халқҳои Осиёи Марказӣ ва консерти дӯстӣ ба вуқӯъ пайваст.

Аввал президентон бо таомҳои миллӣ шинос гардиданд.

Пас аз он барномаи тантанавии консертӣ бо иштироки устодони санъати минтақа ба амал омад. Баромадҳои рангоранги дастаҳои фолклориву этнографӣ ва артистони эстрада, суруду рақсҳои миллӣ муштаракот ва наздикии маданияти халқҳоямонро аёнан намоиш доданд.

Дар доираи ҳамоиш дар минтақаи миллии сайёҳии «Аваза» Анҷумани иқтисодии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ пайваст. Кори анҷуман дар шакли сессияҳои мавзӯӣ аз рӯйи самтҳои алоҳида ташкил карда шуда буд: ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетикӣ ва кимё ва ҳамчунин дар ҷиҳати нақлиёт ва логистика. Дар ҷараёни ҳар як сессия ҳолати ҷорӣ ва рушди истиқболи ҳамкории бисёрҷониба муҳокима гардид. Инчунин пешниҳодоти мушаххасе, ки ба муайян намудани «нуқтаҳои нави инкишоф»-и иқтисодиёти мамлакатҳои минтақа нигаронда шудааст, баррасӣ гардиданд. Дар доираи анҷуман инчунин мулоқотҳо ва гуфтугӯҳои дуҷониба баргузор гардида, бисёр муоҳидаҳо ба имзо расиданд.

Дар доираи Мулоқоти машваратӣ ҷамъомади навбатии Гуфтугӯи занони пешвои Осиёи Марказӣ ба амал омад. Дар он Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева ширкат намуд. Дар он масъалаҳои рушди ҳамкории байни мамлакатҳои минтақа дар соҳаи сиёсати гендер, баланд бардоштани мақоми зан дар ҳаёти ҷамъият баррасӣ гардиданд. Дар доираи анҷуман декларатсия бинобар ҷамъбасти баргузор гардидани Гуфтугӯи занони пешвои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид.

Ин чорабиниҳо дар доираи Мулоқоти машваратии навбатии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин мулоқоти Гуфтугӯи занони пешво ва Анҷумани иқтисодӣ гувоҳи ба дараҷаи сифатан нав баромадани мулоқоте, ки он бо ташаббуси Президенти мамлакатамон ба вуқӯъ пайваст, гардид.

Бо ҳамин ташрифи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Туркманистон ба охир расид.

**ЎзА.**

# ДАР МУДДАТИ КӮТОҲ ДАР РАВОБИТИ БАЙНИДАВЛАТӢ БА МУВАФФАҚИЯТҲОИ КАЛОН НОИЛ ШУДЕМ

**Дар солҳои охир равобити миёни ду кишвар – Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба маънои том куллан тағйир ёфтанд. Ин бар асоси иродаи сиёсии президентон Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон ва хоҳишу дархости ду халқи бародар ба амал омадааст.**

**Дар суҳбат бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон АБДУҶАББОР РАҲМОНЗОДА сухан аз дастовардҳое меравад, ки дар давраи нави ҳамкориҳо ба миён омадаанд.**



**Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода Азизӣ 15 марти соли 1959 дар вилояти Кӯлоб зода шудааст. Доктори фанҳои филология, профессор, академики Фарҳангистони улуми Тоҷикистон. Ба ҳайси раиси Кумитаи садо ва симои назди Ҳукумати Тоҷикистон (солҳои 2004-2005), вазири маориф (солҳои 2005-2012), ёвари Президент оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа (солҳои 2014-2021) кор кардааст.**

– **Шумо то замони тайин ба ҳайси сафир дар мақоми баланди Дастгоҳи Раисиҷумҳури Тоҷикистон кор мекардед. Сафир тайин шудани худро чӣ гуна ташреҳ мекунед?**

– Маълум аст, ки беҳбуди равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, вусъати ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба рушди ҳарду кишвар хидмат мекунанд. Гардиши моли миёни ду кишвар аз 500 миллион доллар гузашт. Интизор меравад, ки ин рақам дар ояндаи наздик ба 1 миллиард доллар расад. Хидмат ҷиҳати таҳкими муносибатҳои ду кишвар ва ба ҳам наздик кардани халқҳои он аз вазифаҳои аввалдараҷа маҳсуб меёбад.

Ифтихор мекунам, ки Пешвои миллати мо, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз маро ба ин вазифа тайин намуд. Зеро Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ яке аз бузургтарин кишвар ба шумор меравад ва Тоҷикистон бояд бо ин кишвар дар робитаи наздик қарор дошта бошад. Дар ин ҷода хидмат ва барои мустаҳкам намудани робитаҳои ҳамаҷониба саҳм гузоштан шарафи бузургест.

– **Бо тайин шудани шумо ба ҳайси сафир Президенти Ӯзбекистон бо ташрифи дуюм озими Тоҷикистон шуд.**

– Бале. Гуфта метавонам, ки ба сифати сафири нав дар омодаву таҳия кардани ҳуҷҷатҳое фаъол ширкат кардам, ки масъалаҳои ташрифи Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистонро фаро мегирифтанд. Ҳамон рӯзҳо якҷо бо роҳбарони ҳамаи ниҳодҳои марбута ва вазоратҳо ҳуҷҷатҳоро омода кардем ва ин ташриф дар сатҳи олӣ баргузор шуд. Дар аснои сафар ҳарду Президент дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд изҳороти муштарак пахш карданд, бо ширкати онҳо мулоқотҳои самимӣ ва дӯстона баргузор гардиданд, ба вусъати робитаҳои дуҷониба заминаи мусоид фароҳам оварда шуд, ки дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошад. Бар асоси натиҷагириҳои ин сафар 35 санади ҳамкорӣ ба имзо расид ва шарикии стратегии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бори дигар тасдиқи худро ёфт. Ҳамаи ин аз ман тақозо менамояд, ки ҳамчун сафир беҳтар кор кунам ва дар татбиқи ҳуҷҷатҳои имзошуда саҳм гирам. Бидуни шубҳа, робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мо беш аз пеш вусъат хоҳанд ёфт.

– **Сафари дувуми Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистонро қадами қатъӣ барои таҳкими натиҷаҳое арзёбӣ мекунанд, ки дар ташрифи аввал ҳосил шудааст. Шумо дар ин робита чӣ назар доред?**

– Ташрифи аввал собит месохт, ки Шавкат Мирзиёев воқеъан шахси бузург аст. Дар асноi ҳамон ташриф ҳар кас эҳсос менамуд, ки вай шахси самимӣ ва эътимоднок аст. Тавассути иродаи сиёсии ӯ ва Президенти мамлакати мо дарвозаҳои баста боз гардиданд, марзҳо ба рӯи ҳамдигар кушода шуданд, падару писар, модару духтар, бародару хоҳар, хешу пайванд, ки муддати дароз ба дидори якдигар зор буданд, якдигарро ба оғӯш кашиданд. Дар муддати кӯтоҳ мо як қатор корхонаҳои муштарак таъсис додем, ҳамкориҳои доманфарохро ба роҳ мондем, ба дастовардҳои бузург ноил шудем. Аз ҷумла, шартномаҳои зиёде, ки соли 2018 ба имзо расида буданд, амалӣ шуданд. Барои ҳамин ташрифи дуюми Шавкат Мирзиёевро ба Тоҷикистон таҳкимбахшандаи ташрифи аввал гӯён арзёбӣ кунем, ҳаргиз хато нахоҳем кард. Мутаваҷҷеҳ бошед: дар як муддати хеле кам 3,5 миллион нафар марзро убур кардаанд, меҳмони якдигар шудаанд. Агар рӯзҳои аввали боз шудани марзҳоро пеши назар орем, ҳувайдост, ки манзараи аҷиб пеши чашмон ҷилвагар мегардад. Зеро ҳама аз хурсандӣ ашк мерехтанд.

– **Ҷавонони зиёди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар давраи шӯравӣ ва баъди касби истиқлол низ дар мактабҳои олии якдигар таҳсил мекарданд. Ин анъана ҳатто дар давраи бадшавии муносибатҳои ду кишвар давом меёфт. Дар айни ҳол дар робита ба ин масъала чӣ нақшаҳо амалӣ хоҳанд шуд?**

– Вазоратҳои марбутаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар робита ба ин масъала созишнома ба имзо расониданд. Бар асоси он ҷавонони ду кишвар метавонанд дар ин ё он мактаби олӣ таҳсил намоянд. Инчунин устодони донишгоҳҳо табодули таҷриба хоҳанд кард ва дар мактабҳои олии якдигар сабақ хоҳанд дод. Барои амалӣ намудани ин иқдом тамоми асосҳои қонунӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Дар айни ҳол ҳудуди 3 ҳазор ҷавонони ӯзбекистонӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Онҳо аз шароити хуби зиндагӣ ва имкониятҳое бархурдор мебошанд, ки барои ҷавонони маҳаллӣ фароҳам оварда шудаанд. Аслан, робитаҳои илмиву фарҳангӣ ҳамеша давом кардаанд. Симпозиум ва анҷуманҳое, ки дар Душанбе ё Тошканд баргузор мегардиданд, бидуни иштироки олимони тоҷик ё ӯзбек намегузаштанд. Ҳоло ин робитаҳо боз бештар густариш ёфтаанд.

– **Ифтитоҳи филиали ягон донишгоҳ барномарезӣ шудааст, зеро дар шабакаҳои интернет дар ин бора баъзе маълумотҳо нашру пахш гардидаанд?**

– Пахшу нашри чунин маълумотҳоро мо низ пайгирӣ кардем. Дар бораи кушодани филиали Донишкадаи молияи Тоҷикистон дар шаҳри Тирмиз ва Донишкадаи молияи Тошканд дар Тоҷикистон таклифу дархостҳо сурат гирифтаанд. Аммо ин корҳо бар асоси талаб ва меъёрҳо ба вуқӯъ мепайванданд, ки ду давлат муқаррар кардаанд. Баррасии ин мавзӯъ давом дорад ва дар ояндаи наздик он ҳаллу фасл хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин мо ба Президенти Ӯзбекистон арзи миннатдорӣ мекунем, зеро дар як қатор донишгоҳҳо факултаҳо ва гурӯҳҳои тоҷикиро боз кардааст, ки дар он ҷавонони тоҷиктабор ба забони модарии худ машғули таҳсил мебошанд. Умедворам, ки барои рафъи эҳтиёҷи мактабҳои тоҷикӣ дар факултаҳои дигари донишгоҳҳо низ гурӯҳҳои тоҷикӣ ифтитоҳ меёбанд.

– **Иттилоъҳои расида бар онанд, ки 580-солагии Мир Алишер Навоӣ, 110-солагии Сотим Улуғзода дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар доираи калон таҷлил мегардад. Ин корҳо чӣ тавр ба амал бароварда мешаванд?**

– Зимни мулоқоти раисони иттиҳодияҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Низом Қосим ва Сироҷиддин Сайид дар Тошканду Душанбе дар бораи ин чорабиниҳои муштарак ибрози назар сурат гирифтааст. Навоӣ ба ду забон эҷод кардааст ва осори гаронбаҳои ӯзбекиаш ба забони тоҷикӣ низ тарҷума шудааст. Сотим Улуғзода дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон ба дунё омадааст, аммо бештари умри худро дар Тоҷикистон сипарӣ намудааст. Осори ӯро дар Ӯзбекистон низ бо шавқу рағбати том меомӯзанд. Вай “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсиро ба наср баргардонидааст ва аз адибони шӯҳратёри ду халқ муаррифӣ шудааст. Таҷлили солгардҳои ин ду адиби маъруфу машҳур барои ҳарду кишвар муштарак хоҳад буд.

– **Сафорати Тоҷикистон бо марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ва бахшҳои вилоятии он чӣ гуна ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанист?**

– Мо бо раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон Гуландом Субҳонова мулоқот кардем. Дар рӯзҳои наздик ба вилояти Ҷиззах ҳамроҳ ташриф хоҳем овард. Ба тоҷикони ин вилоят китобҳои дарсӣ ва бадеӣ тақдим хоҳем кард. Бо ҳокими вилояти Ҷиззах низ роҳандозии мулоқот барномарезӣ шудааст. Баъди ташриф ба вилояти Ҷиззах аз вилоятҳои Сурхондарё ва Самарқанд боздид хоҳем кард ва дар пайи он озими водии зарнисори Фарғона хоҳем шуд. Дар вилоятҳои Фарғона, Намангон ва Андиҷон низ тоҷиктаборони зиёд зиндагӣ мекунанд. Он ҷо низ дидору гуфтугӯҳо ба роҳ хоҳем монд. Ҳадафи асосии мо аз ин сафарҳо мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстии миёни тоҷикону ӯзбекон мебошад. Ногуфта намонад, ки чанде муқаддам ба яке аз мактабҳои тоҷикии шаҳри Ангрен ташриф овардем ва бастаи китобҳои зиёдро ба ҷамоаи ин мактаб тақдим кардем.

– **Дар Тоҷикистон фаъолияти Маркази миллӣ-фарҳангии ӯзбеконро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Барои онҳо кадом шароитҳо фароҳам оварда шудаанд?**

– Зимни ташрифи дуюми худ Шавкат Мирзиёев бо фаъолони Маркази миллӣ-фарҳангии ӯзбекони Тоҷикистон дидору мулоқот анҷом доданд, бо ҳаёту фаъолияти онҳо мутаваҷҷеҳ шуданд. Дар зиёфате, ки Раисҷумҳури Тоҷикистон ба шарафи Шавкат Мирзиёев ташкил намуд, намояндагони ин марказ даъват шуда буданд. Дар Тоҷикистон низ, мисли Ӯзбекистон, ки ба мардуми тоҷиктабор таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардад, мардуми ӯзбектабор ҳамеша аз меҳрубониву ғамхориҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бархурдоранд. Зимни ташриф ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳатман бо фаъолони мардуми ӯзбектабор дидору мулоқот анҷом медиҳад. Дар мактабҳои таълимоти умумӣ фарзандони онҳо ба забони модарӣ таҳсил мекунанд. Кушодани боз чанд мактаби нави ӯзбекӣ барномарезӣ шудааст. Дар бархе аз макотиби олии Тоҷикистон факултаву гурӯҳҳои ӯзбекӣ фаъолият мекунанд. Дар радиову телевизион барномаҳои ӯзбекӣ мунтазам пахш мешаванд. Дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд рӯзномаҳо ба забони ӯзбекӣ ба табъ мерасанд. “Халқ овози” – нашрияи марказӣ ҳафтае се маротиба нашр мегардад. Ӯзбекони Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ вакилони худро доранд. Ба забони ӯзбекӣ китобҳои зиёди дарсиву бадеӣ мунтазам чоп карда мешаванд. Ҳуқуқи мардуми ӯзбек комилан таҳти ҳимояти сарвари давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад. Ӯзбекони Тоҷикистон забони давлатиро низ хеле хуб медонанд.

– **Вазъият дар Афғонистони ҳамҷавор давлатҳои Осиёи Марказиро ба нигаронӣ мувоҷеҳ кардааст. Аз ин раванд Тоҷикистон низ дар канор намондааст. Роҷеъ ба авзоъ дар Афғонистон ва бартараф намудани таҳдидҳо чӣ метавон гуфт?**

– Бо дарназардошти вазъияти бавуҷудомада гуфтаниам, ки сафорати мо бо Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон ҳамеша ҳамкорӣ мекунад. Дар ин рӯзҳо сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳаллу фасли мушкилоти дохилии кишвар аз вазъият ибрози нигаронӣ мекунад. Зеро Тоҷикистон бо Афғонистони ҳамҷавор марзи тӯлонӣ дорад. Пӯшида нест, ки роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони шартномаи амнияти дастаҷамъӣ аз як гиребон сар бароварда, ҷиҳати таъмини амнияту суботи минтақа тамоми чораҳои заруриро меандешанд. Эмомалӣ Раҳмон бо сардорони Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Русия перомуни ҳалли ин бӯҳрон гуфтугӯҳои телефонӣ анҷом дод. Маълум мешавад, ки мақсади ҳамаи онҳо муштарак мебошад. Ин кишварҳо ибрози омодагӣ намудаанд, ки зимни зарурат ба Тоҷикистон кумакҳои техникӣ анҷом хоҳанд дод. Роҳбари давлатамон ҳамеша талош менамояд, ки вазъият дар Афғонистон рӯ ба эътидол оварад ва роҳи ягонаи он танҳо музокираи тарафҳои даргир мебошад. Дирӯзакак Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо вакили СММ ин масъаларо ба миён гузошт. Чунин бармеояд, ки роҳбари Ӯзбекистон ҳамеша барои таъмини амнияти минтақа талош менамояд. Дар конфронси байналмилалии 15-16 июл, ки маҳз бо ташаббуси Шавкат Миромонович дар Тошканд баргузор гардид, ин масъала низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

– **Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар арафаи таҷлили иди бузург – 30-солагии истиқлолияти худ қарор доранд ва барои сазовор истиқбол гирифтани он ҷиддан омодагӣ мегиранд. Дар арафаи ин иди пуршукӯҳ ба мардуми Ӯзбекистон чӣ гуфтаниҳо доред?**

– Ба сифати Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон арз мекунам, ки ин ид барои ду кишвар ва мардуми он хеле иди бузург ва таърихӣ мебошад. Зеро маҳз ба туфайли касби истиқлол ду кишвар ҳаққи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии худро ба даст оварданд ва ҳоло аз нашъаи озодӣ баҳра мебаранд. Дар арафаи ин иди бузург ба мардуми Ӯзбекистон саломативу бурдборӣ, кайфияти идона ва тинҷиву амониро таманно мекунам. Халқи Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Шавкат Мирзиёев аз ин ҳам бештару беҳтар ба комёбиҳо муваффақ гардад. Ид барои ду мардуми бародар, дӯсту вафодор ва қадимӣ мубораку фархунда бод!

– **Ташаккур!**

**Суҳбаторо**
**Мирасрор АҲРОРОВ.**



Солҳои охир дар ноҳияи Нурато ва шаҳри Ғозғони вилояти Навоӣ саноати бофандагӣ ривоҷ меёбад. Хусусан, дар маҷмӯи замонавии дӯзандагӣ, ки моҳи январи соли ҷорӣ дар маҳаллаи «Мармаробод»-и шаҳри Ғозғон ба кор оғоз намудааст, сад нафар занону духтарон бо кор таъмин гардиданд. Дар корхонаи мазкур дар як моҳ ба ҳисоби миёна 3 ҳазорто либоси корӣ дӯхта мешавад. 4-5 намуди маҳсулот баробари бозори дохилӣ ба Русия низ содир карда мешавад.

Дар корхона ҷараёни кор дар авҷ аст. Барои рафтуомади коргарон автобуси алоҳида гузошта шуда, хӯроки нисфирӯзии онҳо бепул мебошад.

**Дар сурат:** корхонаи бофандагии шаҳри Ғозғон.

**Суратгир: С. АСЛОНОВ. ЎзА.**

## Нахустин хонаи бачаҳои оилавӣ дар мамлакат

*28 июли соли равон ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор ва дар он роҳбари давлати мо ба масъалаи дар муҳити ба оила наздик тарбия намудани бачаҳои хонаҳои меҳрубонӣ, чун инсонҳои дониш ва маънавияташон баланд, ватанпарвар ба воя расонидани онҳо эътибори алоҳида нигаронда, дар ин бобат зарурияти ҷорӣ сохтани сохтори нав ва ба он масъул таъин гаштани Гвардияи миллиро таъкид карда буд.*

Фармондеҳи Гвардияи миллӣ Рустам Ҷӯраев вазифадор гашт дар муддати ду ҳафта шахсан ба хонаҳои меҳрубонӣ ва шаҳрчаи бачаҳо рафта, ба онҳо роҳбарони ҳудудии идораи Гвардияи миллиро вобаста намояд. Ба ҳар як гурӯҳ афсарҳои малаканок, психолог, логопед ва дефектологҳо ҷалб карда шаванд.

Инак, дар ноҳияи Юнусободи пойтахт бори якум оилаи Умеда ва Полвон Турдалиевҳо аз Хонаи меҳрубонии рақами 21-ум панҷ нафар писару духтаронро ба тарбияи худ гирифта, фаъолияти Хонаи бачаҳои оилавиро ба роҳ гузоштанд. Дар ин бобат хидмати матбуоти Гвардияи миллӣ хабар додааст.

## Ваксинаҳо оварда мешаванд

*Аз Чин ба Ӯзбекистон интиқоли ваксинаи ZF-UZ-VAC идома дорад. То ин вақт аз ваксинаи ӯзбекистонӣ-чинoии мазкур 8,5 млн. доза оварда шуда буд. Боз 2 млн. доза ҳамроҳ гашт ва миқдори умумии ваксинаи овардашуда ба 10,5 млн. доза расид.*

Ба кишвари мо рӯзҳои наздик овардани боз 10 млн. доза аз ин навъ ваксина, айни замон 90 ҳазор доза (компоненти 2) ваксинаи «Спутник V» ба нақша даромадааст.

Президент зимни ташриф ба ҶММ «Jurabek Laboratories»-и шаҳри Олмалиқ ба Ӯзбекистон зарурияти овардани боз 17,9 млн. доза ваксинаро таъкид сохта буд. Аз ин миқдор Moderna – 3 млн. доза, Pfizer/Bion Tech – 1,2 млн. доза, ZF-UZ-VAC-2001 – 12 млн. доза, Спутник V – 1,7 млн. дозаро ташкил хоҳад намуд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




# ДУ ШОИР – ДУ ФИКРИ МУҚОБИЛ

Солҳое, ки донишҷӯ будем, падидаҳои қаламии шоирони ҷавон бештар эътиборамонро ба худ мекашид. Ҳама Лоиқ ва Гулрухсорро, ки «шоирони ҷавон» ҳисобида мешуданд, дўст медоштанд. Гўё маҳз эҳсосоти ботини насли ҷавонро тараннум месохтанд онҳо.

Вале Лоиқу Гулрухсор мисле ду дунё буданд – мазмунҳои якдигарро натанҳо такрор намекарданд, балки дар муқобили афкори ҳам ҳиссиёти хеш ба қалам медоданд.

Лоиқ менавишт:

*Ба дастам ҷоми Хайёмӣ,*
*Лаболаб ҷоми гулфоме...*
*Туро то қатраҳои охирин менўшам,*
*эй ҷоми муборакбод!*

Гулрухсор, баръакс, изҳор медошт:

*Наменўшам ман аз ин бодаи гулфом,*
*Бигир аз пеши ман ин бодаю ин ҷом.*
*Ман охир навҷавонам,*
*Аз шароби ишқу уммеди ҷавонӣ,*
*Ҳамеша масту махмурам.*

Шеърҳои дар мавзўи бачагӣ навиштаи ҳарду низ писанди дили мо, ҳарчанд якдигарро инкор мекарданд.

Лоиқ мегуфт:

*Боз мехоҳам, ки аз нав кўдаки нодон шавам,*
*Боз мехоҳам, ки аз нав кўдаки гирён шавам.*
*Бар сари зонуи модар боз биншинам даме,*
*Гиряму хандам, сарамро сила бинмояд ҳаме...*

Қаҳрамони лирикии Гулрухсор, баръакс, дигар ҳеч вақт ба бачагӣ баргаштан намехост:

*Намехоҳам, ки бошам кўдаку аз нав,*
*Бимирад кўдакиам пеши чашмонам.*
*Намехоҳам, ки бошам кўдаку аз нав*
*Бимирад модарам болои дастонам!*

***

Ба ҳам қаринии ду шоири муаззами тоҷик Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба ҳамаамон маълум. Мисле аз канори ҳам ба дуриҳои дур парвоз мекард мурғи илҳоми ин ду бузургвор. Вале баъзан фикрҳое, ки баён мекунанд, гўё ду қутби муқобил.

Масалан, фикру андешаи шоирони шаҳир дар бораи кокул (мўй)-и маҳбуба.

М.Турсунзода:

*Ало, эй дилбари кокулбурида, интизорат ман,*
*Ало, эй чашми нилупарварида, интизорат ман,*
*Ало, мижгону абрўи хамида, интизорат ман,*
*Биё, хонам ба гўши ту суруди кўҳсоронро.*

Б.Раҳимзода:

*Илтиҷо дорам, ки мўятро мабур,*
*Кокулони мушкбўятро мабур!*

**Ш. МУҲАММАД.**

Пешниҳод

# СУРУД ВА САВТУ НАВО – ҒИЗОИ МАЪНАВӢ

Бино ба ривояте Худо вақте дар биҳишт Одамро аз гил биофарид, амонати Ў — ҷон ба осонӣ вориди пайкари гилӣ нагардид. Худо найеро бибриду аз он най (асбоби мусиқӣ) сохт ва бинвохт. Сипас, тавассути димоғ ҷон ба осонӣ вориди ҷисми Одам гардид. Худо амонаташро ба осонӣ гирад, гуфтани пирон низ, ба фикрам, ишора ба ҳамон пораи ҷонест, ки Худо ба димоғи Одам дамидааст.

Ин аст, ки рўҳи инсон бо мусиқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Вақте садои мусиқиро мешунавад, рўҳи ў гўё дар пайкараш ба рақс медарояд, асабаш ором мегирад, ғайриихтиёр, сар ва дасту по меҷунбонад...

Дар тўли таърихи дароз санъати навозандагӣ ва сарояндагии ҳар як миллат, аз ҷумла миллати тоҷик, рушд кард, созҳои гуногуни мусиқӣ офарида шуданд. Дар дунё аз халқкардаҳои Худо танҳо инсон бо мусиқӣ ва овозхонӣ сарукор дорад. Барои ҳайвон рўзи дароз наю танбўр, чангу тор бинавозед, суде надорад. Вале табъи инсон аз савту суруд болида мегардад. Ҳайвон бо ғизои моддӣ зинда аст. Аммо инсон бе ғизои маънавӣ: каломи Худо, савту суруд, осори назмию насрӣ, анвои гуногуни ҳунар... симои инсонии худро гум мекунад.

Вақте аз кор кўфтаву беҳол бармегардед, як савту суруди миллӣ метавонад ба шумо рўҳи тоза бахшад. Ёдам ҳаст, вақте овозхони машҳури тоҷик Ҷўрабек Муродов дар толор суруди «Модар»-ро мехонд, модаре сели ашкашро дошта наметавонист. Баъди консерт гуфт: «Ашк гўё ғаму дардҳоямро аз дил берун кард. Худро хеле сабук ҳис кардам». Ин аст таъсири савту суруд ба рўҳи инсон. Модар аз мусиқии ҷаззоб ва суруди дилангез ғизои маънавӣ гирифта буд. Олиме натиҷа гирифтааст, ки ғизои маънавӣ ба рушди иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам меоварад...

Халқҳои тоҷику ўзбек дар ҳунари навозандагиву сарояндагӣ муштаракоти зиёде доранд. Шакл ва номи созҳои мусиқиашон низ яксон аст. Бо вуҷуди он ки, ба қавле, як халқи дузабона ҳастанд, савту сурудашон махсусиятҳои худро дорад. Ҳар як савту суруди миллӣ бори маъние бар дўш дорад. Ва ин бор ба сомеъ ба сифати ғизои маънавӣ интиқол дода мешавад.

Бино ба маълумоти оморӣ, дар ҳудуди Ўзбекистони кунунӣ расман беш аз 1,6 миллион нафар тоҷикон буду бош доранд. Ин миқдор бештар аст аз аҳолии баъзе давлатҳои кўчаки дунё. Тоҷикон дар ҷумҳурӣ баъд аз бародарони ўзбек, бинобар омор, дар ҷойи дуюм қарор доранд. Аз ин рў фикр мекунам, ки ба самъи онҳо бояд тавассути шабакаҳои радиёу телевизион ғизои маънавӣ – савту сурудҳои миллӣ муттасил расида истад.

Дар аҳди шўравӣ бисёр ҳунарпешагон, мисли Муҳаббат Шамаева, Аҳмадҷон Шукуров, Матлуба Дадабоева, дертар Мардони Мавлон... тавассути телевизиони марказӣ ба тоҷикони ҷумҳурӣ ғизои маънавӣ – савту сурудҳои миллиро пешниҳод менамуданд. Як муддат ин корро барномаи «Рангинкамон» низ анҷом дод. Вале ҳоло дар шабакаҳои телевизиони Ўзбекистон қариб, ки савту суруди тоҷикӣ садо намедиҳад. Барномаи тоҷикии «Рангинкамон», ки дар ду ҳафта як бор ба эфир мебарояд, пахши савту сурудҳои тоҷикиро ким-кай бас кардааст...

– Дар телевизиони марказӣ яке аз барномаҳои дўстдоштаи ман «Рангинкамон» буд. Ҳар як намоиши онро бесаброна мунтазир мешудам. Ҳатто дар рўзномаи махсуси барномаи телевизион, ки вақту соати намоишҳоро ба мардум пешниҳод менамояд, барои фаромўш накардан, бо қалами сурх ба зери вақту соати барномаи «Рангинкамон» хат мекашидам, – мегўяд сокини деҳаи Ўхми ноҳияи Фориш Гулнора Рўзиева. – Солҳои охир мухлисони барнома аз шеъру сурудҳои тоҷикӣ бебаҳраанд. Савту сурудҳои тоҷикӣ барномаро шавқангезтар мекарданд.

– Мухлиси барномаи ширу шакари «Рангинкамон» будам. Шоирони тоҷики ўзбекистонӣ шеър мехонданду суруди овозхонҳо пешниҳод мегардид, – гуфт боре дар омади гап Муъмин Саломатови сайҳунободӣ. –Ҳоло на шеър шунавонида мешаваду на савту суруд. Яъне пеши роҳи ғизои маънавӣ баста шудааст. Ба фикрам, маъмурияти телевизиони ҷумҳурӣ роҳи аз барнома дилхунук кардани мардумро пеш гирифтааст. Пеш ҳама корамро монда, «Рангинкамон» медидам, ҳоло он кашиш нест...

Инҷониб бар онам, ки бо назардошти баробарию бародарӣ ва ба хотири он ки инсон бе ғизои маънавӣ инсонвор умр ба сар бурда наметавонад, ба савту сурудҳои тоҷикӣ ихтисосонидани яке аз шабакаҳои телевизиони Ўзбекистон айни муддаост. Ин хоҳишу иродаи бисёр зиёиён, ҳунарпешагон, мусиқишиносон ва донишҷуёни тоҷик аст, ки дар вилоятҳои ҷумҳурӣ ба сар мебаранд.

**А. СУБҲОНОВ.**

# БИГИРЯМ

Фасли хазон расида, чун барги тар бигирям,
Бар ҳоли сабзаҳои хушкидасар бигирям.
Ҳар дам гузар намоям аз водии хамўшон,
Бар марги волидайнам бори дигар бигирям.
Бинам чу зиндаеро аз мурда мурдатар аст,
Чун модаре, ки гашта хуни ҷигар, бигирям.
Нодон ба қудрат ояд, доно ба зиллат афтад,
З-ин нобаробариҳо шому саҳар бигирям.
Гуфто Назар: амон деҳ, ё Раб, аз оташи ҷаҳл,
Сўзад ҳама баробар гар хушку тар, бигирям.

**Абдуназари НАБӢ,**
**ноҳияи Нурато.**

# БА ИШҚАМ БО НИГОҲИ ШЎХӢ МАНГАР...

**Шаҳзоди Кенҷазода беш аз 22 сол надорад, аммо умри шеърҳояш ангор аз назари пухтагиву тасвиру сохтори забон бештар аст. Чаро, ки ашъораш бо забони фасеҳу сохтори муҳкам суруда шудаанд. Кенҷазода коллеҷи банкиро хатм кардаву муддате дар банки халқии шаҳраш низ машғули кор ва фаъолият будааст. Дар ҳоли ҳозир донишҷўйи Донишкадаи забонҳои хориҷии Самарқанд ва ходими “Овози Самарқанд” асту шеърҳояш дар рўзнома, маҷалла ва маҷмўъаҳо ба чоп расидаанд.**

**Бунмояи ашъори вайро мазомини ошиқона, иҷтимоиву фалсафӣ ташкил додааст. Аносирсозандаи ашъораш мутанаввеъ ва аз батни ҷомеаву муҳити атрофи зиндагии худи вай бархостааст.**

*Тулўи партави ҳуснат бароям доварӣ дорад,*
*Хушо, ки дидани рўйи ту меҳри ховарӣ дорад.*
*Ба ишқам бо нигоҳи шўхӣ мангар, эй малаксимо,*
*Дилам бар ваъдаи барбоди ту чун боварӣ дорад.*
Вай шаҳри таърихияш – Самарқандро дўст медорад:
*Бароям, эй сабо, овардӣ пайғоми Самарқандам,*
*Ки дурам ман, чӣ зебо гуфтиям номи Самарқандам.*
*Агар амсоли онро ман кунам таъриф, куҷо дорад,*
*Чу нону обу себу ноку бодоми Самарқандам?!*

**Барои шоири ҷавон дар пасту баланди роҳи шеър комёбиҳои беназир таманно дорем.**

**Инак, ду шеър аз ин шоири ҷавон ба алоқамандони каломи бадеъ ва хонандагони рўзнома пешниҳод мегардад.**

**Рустами АҶАМӢ,**
**устоди Академияи миллии улуми Тоҷикистон.**

Ғамгинтарин одам дар ин ғамхонаам, шодӣ магар?
Дар байни ин зулму ситам, ту раҳбари додӣ магар?
Чашмам, ки медид, эй дареғо, кош он гулҳои тар,
Дар дидаам ашк асту ман – зиндонӣ! Озодӣ магар?
Дар чорчўби зиндагӣ, аз ҳар кӣ меҷўям наҷот,
Эй модари меҳрофарам, зиндониям зодӣ магар?
Дилро куҷо бурдӣ зи ҷо, он сон, ки мехоҳам варо,
Бо ин ҳама шўридагӣ, фармонбари бодӣ магар?
Он қиссаи деринаро кай кардаӣ дигар, аҷаб
Ман Хусравам, эй дилбарам, Ширини Фарҳодӣ магар?
Аз ҷинси оҳувонӣ худ, чашмонат ошиқам намуд,
Хуш омадат, бар ман бигў, ойини сайёдӣ магар?
Ман як диле дорам, ки он, ҳатто зи пар нозуктар аст,
Ман меравам, месабзӣ ту, аз насли шамшодӣ магар?
Боз аз куҷо ҳамчун туйе, пайдо кунам, ҷононаам,
Бо ин ҳама бегонагӣ, дилдори Шаҳзодӣ магар?

***

Чӣ тавр аз ин дилам берун кунам ёди туро ҷонон?
Дилам гўяд макун қаҳру бирав созиш бикун бо он.
Намегўям, намегўям, чунин ҳастам, чунон ҳастам,
Ҳазорон дардро дар кунҷи қалбам кардаам пинҳон.
Куҷо хуршед метобад, намебинам, чаро, эй дил?
Бароям осмон абрист, ҳар дам мезанад борон.
Касеро ман намехоҳам, намедонам, чӣ мехоҳам?
Туро ман дўст медорам, туӣ наздиктарам аз ҷон.
Ба рўят ҷуз тағофул чизи дигарро намебинам,
Агар рўзе бимирам аз фироқат, мешавӣ ҳайрон?
Бирав, эй марди доно, нест инҷо ҷойи хомўшӣ,
Аз ин девонагӣ ҳосил гирифтам, гаштаам сарсон.
Бипурсидам зи бас, шояд касе инро намедонад,
Куҷо оғоз шуд ин қисса, кай пайдо кунад сомон?
Тамоми умри кўтоҳам, ба ҳиҷри чеҳраи моҳат,
Гузашт, эй меҳрбон, о, ин дилам бар ҳоли худ гардон!

**Шаҳзод Кенҷазодаи САМАРҚАНДӢ.**

# Дарс не – бозор

(Ҳаҷвия)

Рости гапро гўям, он рўз дарс дарс нашуд. Одатан муаллимҳо панҷ-ҳафт дақиқа баъд аз занг ба дарс медаромаданд. Ман ҳам панҷ дақиқа дертар ба синф даромада, баъди салому алек бо хонандагон, бўрро гирифта ба тахта мавзўи навро навиштанӣ будам, ки дари синфхона тақ-тақ зада шуду навбатдор вориди синф гардид. Ў то назди мизи кориам омада, ман навбатчӣ гўён, хонандагони синфро як-як ҳозиру ғойиб карда баромада рафт. Акнун мавзўи навро барои фаҳмонидан шурўъ карда будам, ки боз садои тақ-тақи дари синф баланд шуд. Се нафар даромада гуфтанд: «Мо аъзои тафтишоти мусобиқаи байни синфҳо». Ва то ҳар як шарти мусобиқаро ба хонандагон фаҳмонданд, расо даҳ дақиқа гузашт. Барилова, талабагон аз ҷой хеста бо онҳо хайру хуш карданд, ки ба асаби кас мерасид. Айни гарму ҷўши дарс буд, ки дари синфхона тақ-тақ шуду раиси дастаи пешоҳангони мактаб даромад. Вай сардори синфро барои ба маҷлис даъват кардан омада будааст.

Хайр, бо ҳамин дигар касе оромиро халалдор намекунад, гуфтаму мавзўи навро хулоса мекунам гуфта будам, ки дари синфхона бе тақ-тақ кушода шуду сардори ҷавонон вориди синфхона шуд. Вай дар як даст оҳанпора, дар дасти дигар як пора коғаз дошт. Ба хонандагон рў овардa гуфт:

– Аз ҳамин рўз сар карда ҳар яки шумо панҷ килоӣ оҳану коғазпора ҷамъ оварда, месупоред. Ҳамин вақт занги баромад зада шуд. Хонандагон тараддуди аз синфхона баромадан карданд. Камина чӣ кор карданамро надониста дафтару китобамро ғундоштам. Аз синфхона баромадаму худ ба худ гуфтам: «Дарс дарс не, бозор шуд!»

**Толиб ЮНУСЗОДА,**
**ш.Самарқанд.**

# Васияти шоҳ

Султон Сулаймон пеш аз вафоташ се васият кардааст:

1. Табибони беҳтарини мамлакат тобути маро гирифта то лаби гўр баранд.

2. Тамоми сарват, тилло ва ҷавоҳироти маро то қабристон дар роҳ рехта монед.

3. Ҳарду дасти маро аз тобут берун гузоред.

Пешвоёни дарбор аз ин суханҳои шоҳ ҳайрон шуда, сабабашро пурсиданд:

Султон Сулаймон чунин ҷавоб гардонд:

1. Табибони беҳтарини диёр тобути маро бардоранд, то мардум бубинанд, ки вақте аҷал ояд табибони беҳтарин ҳам дар табобат оҷизанд, зеро марг ҳақ аст.

2. Тамоми сарвати маро аз қаср то гўристон дар роҳ резед, то мардум бубинанд, ки инсон чанд қадар молу дунё дошта бошад ҳам, онҳоро ҳамроҳ ба охират бурда наметавонад.

3. Дастонамро аз тобут берун гузоред, то мардум бубинанд, ки ман – подшоҳи мамлакат, соҳиби чӣ қадар сарватҳои дунё, дар қасрҳо зиндагонӣ карда, аммо аз олам бо дасти холӣ меравам.

# Магас

Ғуломе дар пеши подшоҳе нишаста буд. Подшоҳро хоб зер кард. Аммо ҳар гоҳе, ки чашмонашро мебаст, магасе бар рўйи ў менишасту подшоҳ даст афшонда, магасро дур месохт.

Пас аз андак подшоҳ аз ғуломаш пурсид:

– Ба андешаи ту, Худованд чаро магасро офаридааст?

Ғулом гуфт:

– Барои он офаридааст, то қудратмандон бидонанд, ки гоҳо зўрашон ҳатто ба як магас намерасад.

**Таҳияи Далер АЗИЗОВ.**



Мижгон Муродоваи бухороӣ бо ҳунари читгарӣ – гуландозӣ ба карбос сарукор дорад.

– Читгарӣ ҳунари нафиси дастӣ аст, – мегўяд Мижгон Муродова. – Ин ҳунарро ба ман хушдоманам Малика Ҳабибова омўхтааст. Осори гуландозишуда нафосати ба худ хос доранд. Ҷараёни офариниши он бофтан, ранг задан ва гуландозиро дар бар мегирад. Имрўзҳо ба осори ҳунарие, ки дар худ гули анор, барги бед, гули сурх ва нақшҳои ислимиро инъикос кардаанд, сайёҳони хориҷӣ зиёд таваҷҷўҳ зоҳир менамоянд.

**Дар акс:** (дар рост) ҳунарманди бухороӣ **Мижгон Муродова**.

**Аксбардор:**
**Тоҳир ИСТАДОВ (ЎзА).**

# Момо

(Ҳикоя)

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Балоча маънои “шўх, беқарор”-ро дорад. Рафтору кирдорат мисли писаракон аст. Дарвоқеъ, хонда метавонӣ?

– Бале, аълохон ҳастам.

– Барака ёб, гард, як китобро хонда те...

Момо аз ҷояш хеста, шолчаашро афшонд ва баъд онро дуқат карда ба бағал гирифт.

– Барои чӣ ин шолчаро бағал мекунед?

– Ҳасану Ҳусанамро дар рўйи ҳамин шолча ба дунё овардаам, балояк.

Аз паси ў меравам. Аз хонаи момо бўйи қаланфуршадда меояд. Модарам гуфта буд, ки дар хонаи момо фаришта ҳаст. Момо аз тоқча китоби латтапечеро гирифта, онро кушод ва ба серӣ бўй кашиду бўсид:

– Ин китоби Ҳусанҷонам. Онро такрор-такрор мехонд. Ман хонда наметавонам. Духтарам, ту хон, пазмониҳоям шиканад.

Китобро кушода ҳайрон шудам.

– Момо, ин китоб бо дигар ҳарф навишта шудааст, ман ҳам хонда наметавонам.

Хиҷил шудам, ки моморо хурсанд карда натавонистам. Ў ин ҳолати маро пай бурд магар, бо табассум гуфт:

– Майлаш, мон. Афсус мехўрам, ки дар вақташ нахондаам.

Хостам ба чашмони маъюси ў равшанӣ андозам.

– Нахондагӣ бошед ҳам, афсонаю қиссаҳои зиёд медонед.

Ҳар доим бо момо суҳбати тўлонӣ доштем. Ў афсона, ривоят ва достонҳои шавқовар мегуфт ва ман дар баробари қаҳрамони афсонаҳо худ гоҳ хурсанд ва гоҳ ғамгин мешудам.

Ҳамин вақт овози модарам шунида шуд:

– Ҳалима, ҳой Ҳалима!

Кафшҳои пўпакдорамро саросема нўги по андохта, ба ҷониби хонаамон шитофтам. Момо аз қафоям маро дастгирӣ мекард:

– Натарс, духтарам, чӣ бало, магар очаат туро ҳамин қадар тарсончак кард?

Модарам дар даст ҷорўб маро пешвоз гирифт:

– Ҳозир рўзи ту – духтари бегўшро нишон медиҳам.

Ҳамин хел бошад ҳам, модарам зани меҳрубон аст. Ў маро намезанад, танҳо овозашро баланд мекунаду халос. Аммо ман аз модарам метарсам, ҳозир ҳам аз тарс пойҳоям дарақ-дарақ меларзанд.

– Очаҷон, ҳозир ҳамаи корҳоятонро иҷро мекунам. Зуд рафта об мебиёрам, ба молҳо алаф канда медиҳам, ҳавлиро мерўбам...

Оташи хашми модарам паст шуд:

– Зуд бош, кори хона бисёр, ту бошӣ дар куҷо дайду барин гаштаӣ, шарм намедорӣ?

Шаббодаи форами рўзҳои саратон аллакай вазидан дошт. Модарам ба суфачаи таги ток дуруст ҷой карда, дасторхон партофта буд. Ҳангоми ба косаҳо андохтани хўроки шом, аз рўйи одат маро ба наздаш хонда гуфт:

– Духтарам, ин косаи хўрокро ба момо бар, даъват кунем, боварӣ дорам, ки намеояд.

Ҳар рўз ба момо хўрок додан одати модарам аст, ки ин одати ўро хеле дўст медоштам. Аз чӣ бошад, он бегоҳ даричаи момо, ки ҳар доим кушода меистод, баста буд. Аз роғҳои он равшании чароғ намудор буд. Аз дарун садои касе шунида мешуд. Ба дарича наздиктар шудам, меҳмонаш ҳаст магар, аммо дар остона танҳо як ҷуфт калўш, ки момо ба хотири дар тўю маросимҳо иваз нашудан ба он тугма дўхта буд, меистод. Аз роғи дарича ба дарун нигоҳ кардам. Дар рў ба рўйи момо гўё ду соя паҳлуи ҳам нишаста буданд, ба назарам момо касеро навозиш мекард:

– Бачаҳоям, шумоёнро ниҳоят пазмон шудам, аз бўятон камтар сер шавам, очаатон қурбони шумо. Бе шумоён зиндаи дар гўрам, на дар хобам ва на дар бедориам ҳаловат ҳаст, ҳар рўз шумоёнро ба наздам мехонам. Охир омадаед-дия...

Он тарафи дарича барои ман торик. Чодири осмон аз ситораҳо пур. Ба баданам якбора сардӣ давид, ба овоз баровардан ҷуръат накардам, дар даст коса дастонам меларзиданд. Дарунам пур шуда инони гиряро сар додам. Садоямро шунида, момо аз дарун давида баромад, маро дида чашмонаш дурахшиданд.

– Балоча, ин туӣ? Хўрок овардӣ? Чаро гиря мекунӣ?

Садоям дар гулўям монд, косаро дароз кардаму бе овоз ба пасам баргаштам.

– Барака ёб, балоча, раҳмат...

Овози момо меларзид...

Солҳо гузашта бошанд ҳам, симои моморо фаромўш карда наметавонам, ўро пазмон мешавам...

**Аз ўзбекӣ тарҷумаи**
**С. БЕКНАЗАРОВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 5748, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С.Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.